Барои давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи адолатпарвар мақоми баланди ҳокимияти судӣ дар ҷомеа хос аст, зеро суд арзишҳои олӣ – инсон ва ҳуқуқу озодиҳои онро, ки вазифаи муқаддаси давлат аст, риоя ва ҳифз менамояд. Баробарии дигар шохаҳои ҳокимияти давлатиро дар густариши ҷомеаи шаҳрвандӣ нигоҳ медорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат,
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон




# МИЗОНИ ҚОНУН

НАШРИЯИ РАСМИИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | №2 (02) | 30 ЯНВАРИ 2026




## НАҚШИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҚАБУЛИ БАРНОМАҲОИ ИСЛОҲОТИ СУДӢ

## ДАР ИН ШУМОРА:




ТАШАББУСИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ ДАР ТАҲКИМИ ХУДШИНОСИВУ ХУДОГОҲИИ МИЛЛӢ ТАВАССУТИ ЭҲЁИ ХОТИРАИ ТАЪРИХӢ

с.2



НАҚШИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҚАБУЛИ БАРНОМАҲОИ ИСЛОҲОТИ СУДӢ

с.4



ҶАЛАСАИ РАЁСАТИ СУДИ ОЛӢ ВОБАСТА БА ҶАМЪБАСТИ НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ СУДҲОИ ҶУМҲУРӢ ДАР СОЛИ 2025 ВА ВАЗИФАҲО ДАР СОЛИ 2026

с.5



ШАРҲУ ТАВЗЕҲИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТ ДАР СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

с.6

МИЗОНИ ҚОНУН
НАШРИЯИ РАСМИИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | №2 (02) | 30 ЯНВАРИ 2026

ҶАЛАСА



# МАҶЛИСИ ВАСЕИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**23-юми январ дар бинои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Раиси Ҳукумати кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида, дар маҷлиси васеи Ҳукумат натиҷаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар дар соли 2025 муфассал баррасӣ гардида, вазифаҳои асосӣ барои соли 2026 муайян карда шуданд.**



Дар кори маҷлис роҳбарият ва аъзои Ҳукумати мамлакат, Дастгоҳи иҷроияи Президент ва воҳидҳои сохтории он, роҳбарони мақомоти марказии давлатӣ, идораҳои назди Президент ва Ҳукумат, корхонаю муассисаҳои ҷумҳуриявӣ, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ, бонкҳои давлатӣ ва саҳҳомӣ, рӯзномаю маҷаллаҳои расмӣ ва дигар шахсони масъул иштирок карданд.

Дар охири кори маҷлиси васеи Ҳукумат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар дар соли 2025 ва вазифаҳо барои соли 2026 суханронӣ намуда, бо натиҷагирӣ аз фаъолияти тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба аъзои Ҳукумат, Дастгоҳи иҷроияи Президент, роҳбарони вазорату идораҳо, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва дигар мақомоти давлатӣ барои рафъи камбудиҳои мавҷуда, иҷрои дастуру супоришҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияву татбиқи нақшаи чорабиниҳои таъминкунандаи пешрафту тараққиёти соҳаҳо ва минтақаҳои кишвар дастуру супоришҳои мушаххас доданд.



Дар охири суханронии худ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дар сатҳи баланд ҷашн гирифтани 35-солагии истиқлоли давлатӣ ва иҷрои дастуру супоришҳои Роҳбари давлат, ки аз Паёми навбатӣ бармеоянд, ба вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супоришҳои мушаххас доданд.

Аз ҷумла ба намояндагони ба шаҳру ноҳияҳо вобасташудаи мақомоти марказӣ ва роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо таъкид намуданд, ки ҷиҳати вусъат додани бунёду таҷдиди иншооти банақшагирифташуда ва сифати онҳо корҳои назоратиро пурзӯр намоянд.

Тавре таъкид гардид, мо бояд то ин санаи муқаддас корҳои созандагиро боз ҳам вусъат бахшида, чорабиниҳои ҷашниро бо сатҳу сифати баланд амалӣ созем.

Роҳбари давлат хотирнишон намуданд, ки дар шароити буҳрониву ноороми ҷаҳони имрӯза ҳифзи истиқлолу озодӣ, заҳмат ба хотири пешрафти давлат ва ободии Ватан вазифаи аввалиндараҷаву ҳаррӯзаи ҳар як шаҳрванди бонангу номуси мамлакат маҳсуб меёбад.

Бинобар ин, таъкид гардид, ки ҳар як шаҳрванд ва ҳар як оила бояд бо дарки масъулияти ватансозиву давлатсозӣ, пеш аз ҳама, хонаву кошона ва кӯчаву маҳалли зисти худро таъмиру тармим ва тозаву озода намояд.



Президенти мамлакат таъкид намуданд, ки аъзои Ҳукумат, роҳбарони дигар сохтору мақомоти давлатӣ, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар ин соли бисёр муҳим барои амалӣ намудани супоришҳои Паёми Роҳбари давлат ва қарорҳои Ҳукумати мамлакат, бартараф кардани камбудиву норасоиҳои дар маҷлиси имрӯза зикргардида, супоришу вазифаҳои гузошташуда ва риояи ҳатмии интизоми давлатӣ масъулияти шахсӣ доранд.

Маврид ба зикр аст, ки дар ҷаласаи васеи Ҳукумати ҷумҳурӣ Раиси Суди Олӣ ва инчунин муовинони раис ширкат намуданд.

ИБТИКОР



# ТАШАББУСИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ ДАР ТАҲКИМИ ХУДШИНОСИВУ ХУДОГОҲИИ МИЛЛӢ ТАВАССУТИ ЭҲЁИ ХОТИРАИ ТАЪРИХӢ

Бо ҳадафи таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ, ҳифзи ҳувияти миллӣ ва арҷгузорӣ ба таърихи пурифтихор ва мероси ғании маънавию фарҳангии халқи тоҷик, Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ташаббуси таърихию фарҳангиро роҳандозӣ намуданд.

Тазаккур бояд дод, ки иқдоми мазкур идомаи мантиқии сиёсати давлатдории миллӣ ва сиёсати хирадмандонаву дурандешонаи Пешвои муаззами миллат буда, дар шароити мураккаби ҷаҳони муосир ба ҳифзи пояҳои маънавӣ, таърихӣ ва тамаддунӣ миллат равона гардидааст.

Дар робита ба ин, имрӯз Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ як зумра аз бостоншиносон, таърихнигорон, фарҳангшиносон ва дигар намояндагони илму адаб воҳӯрӣ анҷом доданд.

Дар мулоқот масъалаи бунёди Маҷмааи эҳёи хотираи таърихӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ дар шаҳри Душанбе мавриди муҳокима қарор гирифта, иштирокдорон аз иқдоми навбатии муҳтарам Рустами Эмомалӣ истиқбол карда, роҷеъ ба он фикру андешаҳои худро баён доштанд.

Ин иқдом нишони арҷгузорӣ ва эҳтироми хосса ба шахсиятҳое мебошад, ки дар тӯли таърих барои озодӣ, истиқлол, давлатдорӣ ва рушди фарҳанги миллӣ хизматҳои беназир анҷом додаанд.

Маҷмааи мазкур на танҳо як иншооти меъморӣ, балки як фазои рамзӣ ва маънавӣ хоҳад буд, ки дар он гузашта, имрӯз ва ояндаи миллати тоҷик ба ҳам мепайванданд.

Ин макон ба зиёратгоҳи умумихалқӣ табдил ёфта, ҷои андеша, ибрат, худшиносӣ ва тарбияи ватандӯстӣ мегардад.

Ин ташаббус паёми равшан ба ҷомеа ва махсусан ба насли ҷавон аст: миллати тоҷик бо таърихи худ ифтихор дорад, решаҳои худро мешиносад ва бар пояи худшиносии миллӣ роҳи ояндаи дурахшонро интихоб мекунад.

ТАЪИНОТ ВА МУАРРИФӢ

# ТАЪИНОТИ КАДРӢ

**12-уми январи соли 2026 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сохторҳои Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ тағйироти кадрӣ амалӣ намуданд.**



Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозхонд намудани Кенҷазода Муҳаммадҷалолиддин ва Ғуломзода Сафарбек аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар сабаби ба охир расидани муҳлати ваколаташон, инчунин дар бораи интихоби Кенҷазода Муҳаммадҷалолиддин, Ғуломзода Сафарбек, Сафарзода Маҳинабону, Раҳмонзода Икром ба вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нурализода Одил ба вазифаи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳодҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардиданд.

Бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон раисони суди ноҳияҳои Сино, Шоҳмансур, Мурғоб, Шаҳристон, Вахш, Рашт, Ховалинг, Норак, Рӯдакӣ таъин карда шуданд.

Тағйироти кадрӣ, ҳамчунин дар сатҳи муовинони раисони ҳокимияти судӣ, судяҳои судҳо ва судҳои иқтисодии вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои кишвар амалӣ гардид.

Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷараёни суҳбат онҳоро ба иҷрои масъулият бо садоқат ва софдилӣ, хизмати виҷдонона ба нафъи давлат ва халқи Тоҷикистон, таҳкими адолати судӣ, волояти қонун ва ҳифзи манфиатҳои давлату шаҳрвандон ҳидоят карданд.





# ВОХӮРӢ ВА МУАРРИФИИ СУДЯҲОИ НАВТАЪИНШУДА ДАР СУДИ ОЛӢ

**12-уми январи соли 2026 дар заминаи тағйироти кадрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сохтори Суди Олӣ анҷомдода, Мирзозода Рустам Пираҳмад, Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо судяҳои навтаъиншуда дар Суди Олӣ суҳбат намуд.**







Дар ҷараёни суҳбат Мирзозода Рустам Пираҳмад, Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон судяҳои навтаъйиншударо барои талош варзидан бахри баланд бардоштани масъулияти касбӣ, риояи меъёрҳои қонунгузорӣ, таъмин намудани адолати судӣ ва таҳкими волоияти қонун вазифадор намуда, таъкид намуд, ки судяҳо бояд дар фаъолияти худ мустақилият, беғаразӣ ва садоқат ба савганди судягиро роҳнамои асосӣ қарор диҳанд.

Ҳамзамон дар ҷаласа дар ҳузури судяҳои навтаъйиншуда зикр карда шуд, ки мурофиаи судӣ ягона шакли муқаррар намудани ҳақиқати воқеӣ ва беҳтарин роҳи ҳалли мушкилот мебошад. Мо дар зиндагӣ борҳо шоҳиди он мешавем, ки дар натиҷаи поймол кардани қонунҳо ва содир намудани қонуншиканӣ ашхоси гуногун ба ҷазоҳои ба кирдорашон сазовор кашида мешаванд. Нуқтаи охиринро дар муайян кардани асли кирдор ва ҷазо барои он танҳо ҳокимияти судӣ қабул мекунад. Бинобар ҳамин суд на танҳо манфиати шахси алоҳида ё ташкилоту муассиса, балки давлатро низ ҳимоя мекунад, ки дар маҷмӯъ, онро адолати судӣ мегӯянд. Таъмини адолат ҳамон вақт имконпазир мегардад, ки агар худи ҳокимияти судӣ аз ҳар гуна фишору дахолати сохторҳои давлатӣ озод буда, судяҳо ҳақиқатро дар асоси далелҳои мавҷуда, холисона, аз рӯйи виҷдон ва донишу малакаи касбиашон ҷустуҷӯ ва дарёфт кунанд.

Дар фарҷом ба раисон, муовинон ва судяҳои навтаъйиншуда дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ комёбиҳо таманно намуданд.

Мизони қонун

МИЗОНИ ҚОНУН
НАШРИЯИ РАСМИИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | №2 (02) | 30 ЯНВАРИ 2026

ПАЁМИ ПЕШВО - РАҲНАМОИ МО

# НАҚШИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҚАБУЛИ БАРНОМАҲОИ ИСЛОҲОТИ СУДӢ



Мирзозода РУСТАМ ПИРАҲМАД,
Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Низоми муосири давлатдории демократӣ мақоми Паёмро ҳамчун ҳуҷҷати сиёсии аз дидгоҳи илмӣ таҳлилшуда арзёбӣ менамояд, ки дар шинохт ва раванди давлатдорӣ самтҳои муҳимму меҳварии сиёсати дохиливу хориҷӣ, стратегияи рушди устувори давлатдорӣ, ҳимояи манофеи миллӣ, фароҳамоварии зиндагии шоиста дар миёни ҷомеа ва ҳифзи суботи сиёсии шаҳрвандонро ба таври шоиста муайян намуда, дастовардҳо ва ҳолати воқеии рушди мухталифи соҳаҳои ҷамъиятиро бо назардошти имконияту тадбирҳо дар мовароИ ҳалли мушкилоти ҷойдошта, дар шакли мушаххас ва дар доираи санадҳои мӯътамад арзёбӣ менамояд.**

Сарварони давлатҳои демократии мухталифи ҷаҳон дар назди Маҷлиси Олии кишвар суханронӣ карда, масири асосии пешрафти давлат ва ҷамъиятро муайян менамоянд ва ин муроҷиатномаи ҳарсолаи сарварони давлатҳои демократӣ дар масир ва умури давлатдорӣ таҷрибаи нодир дар сиёсат ва давлатдорӣ дониста шуда, ҳамчун яке аз воситаҳои амалкунандаи бевоситаи механизми таъмини принсипҳои тавозун миёни шахсаҳои ҳокимият мебошад (Аз Паём то Паём, Душанбе-2021).

Дар ин замина мебояд қайд кард, ки Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бар пояи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардида, яке аз шаклҳои амалисозии ваколатҳои конститутсионии Сарвари давлат ба ҳисоб рафта, дорои хусусияти умумидавлатӣ дошта, барои тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллӣ ва ҷомеа мақом ва аҳамияти роҳнамоӣ дорад. Зеро аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мустақилона муайян ва баррасӣ гардидани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат дар Паём аз соҳибихтиёрӣ ва истиқлоли сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Агар ба таърихи паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон назар афканем нахустин Паёми Сарвари давлат дар соли 2001-ум, дар замон ва марҳилае ироа шуд, ки дар кишвар раванди гузариш, бунёд ва таҳкими рукнҳои давлатдории миллӣ таҳқурсии эътимоднок пайдо намуда, давлат дар оғози марҳилаи навин ворид гардида буд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба ин масъала ҳанӯз дар Паёми аввалинашон равшану мунир ва возеҳу ошкор чунин баён карда буданд: **“Мо ҳоло дар марҳилаи махсуси таърихии худ – давраи гузариш қарор дорем. Яке аз талаботи давраи гузариш ин аст, ки бо мақсади таъмини кафолатҳои ҳуқуқи инсон, адолати иҷтимоӣ, ҳамчунин бо дарназардошти шароити марҳилаи гузариш ва давраҳои минбаъдаи пешрафти соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварамон ба қонунҳои амалкунанда тағйироту иловаҳои саривақтию ҷавобгӯ ба талаботи иқтисоди бозорӣ ва муносибатҳои нави иқтисодиро ворид намоем (Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми апрели соли 2001, шаҳри Душанбе)”.**

Паёми равшани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гувоҳӣ бар ин аст, ки ҳанӯз дар марҳилаи махсуси таърихии давраи гузариш таъмини кафолатҳои ҳуқуқи инсон ва татбиқи адолати иҷтимоӣ дар сиёсати Сарвари давлат ҷойгоҳи махсус дошт. Зеро, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи Паёмашон чунин баён карданд: **“Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти судиро ҳамчун рукни мустақили ҳокимияти давлатӣ эътироф намудааст ва он бояд бахри таҳкими қонуният ва сохтмони ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд нақши ҳалкунанда дошта бошад (Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми апрели соли 2001, шаҳри Душанбе)”.**

Ҷанбаҳои гуногуни муносибатҳои сиёсии кишварҳои ҷаҳон ва навини кишвари мо дар сиёсати адолатпарваронаи Роҳбари давлат муфассал баррасӣ гардида, ба шакли консепсияи тоза ва фарогири дидгоҳҳои комил табдил ёфтаанд ва дар он ғояҳои ҳаётбахши миллӣ ва арзишҳои умумибашарӣ тарҳи тоза касб намуда, омили заминасози барномарезиҳои мушаххас дар масири маърифати ҳуқуқии аҳолӣ гардидаанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи Паёмашон дар такя бо татбиқи адолати иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқи ҷомеаи инсонӣ изҳор доштанд, ки: **“Адолати том ва таъмини ҳаққу манфиатҳои ҳамаи аъзои ҷомеа, муассисаҳою созмонҳо дар ниҳоят ҳалли худро дар мақомоти судӣ меёбанд. Сохтмони ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва пешрафти муносибатҳои бозорӣ маҳз ба фаъолият ва кафолати судӣ эҳтиёҷ доранд (Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми апрели соли 2001, шаҳри Душанбе)”.**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ибтикори наҷиб ва диди сиёсатмадории беҳамтои худ муайян намуданд, ки омили асосии пойдории адолати иҷтимоӣ дар миёни ҷомеа - ин ҳокимияти судӣ мебошад ва маҳз зимни Паёми худ дар соли 2018 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намуданд: **“Тавре ки маълум аст, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ омили асосии эъмори давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмин намудани волоияти қонун мебошад. Зарур аст, ки барномаи нави ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ таҳия карда, дар доираи он сохтор ва фаъолияти мақомоти судӣ такмил дода шавад ва ҷиҳати баррасии босифату саривақтии парвандаҳо ва иҷрои санадҳои қабулнамудаи мақомоти судӣ, чораҳои мушаххас андешида шаванд. Бо ин мақсад, Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Вазорати адлия ва Хадамоти иҷро дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин барномаи нави ислоҳоти судиву ҳуқуқиро барои солҳои 2019-2021 таҳия ва пешниҳод созанд (Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2006 ва аз 26-уми декабри соли 2018, шаҳри Душанбе)”.**

Дар заминаи чунин дастурҳои Пешвои миллат барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010, 2011-2013, 2015-2017 ва 2019-2021 бо мақсади таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, чараёни мурофиаи судӣ, нақши суд дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳимояи манфиатҳои давлатӣ, таъмини адолат ва такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ ва шаффофияти низоми судӣ дар ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон аз 19-уми апрели соли 2019 таҳти №1242 тасдиқ гардид, ки он аз 4 банд, 15 зербанд ва 1 нақшаи чорабиниҳои муштараки миёни Суди Олӣ, Суди конститутсионӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Вазорати адлия, Прокуратураи генералӣ ва дигар мақомоти марбута иборат мебошад. Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони судӣ таъкид доштанд, ки “Дар даврони соҳибистиқлолӣ Ҳукумати кишвар барои таъмини мустақилияти ҳокимияти судӣ, беҳтар намудани таъминоти моддию техникии судҳо, такмили қонунгузории соҳа ба хотири баланд бардоштани нақши суд дар таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, тадбирҳои муҳиму мушаххасро роҳандозӣ кардааст. Аз ҷумла, барои рушду таҳкими мақомоти судӣ чор барномаи ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ қабул карда шуд, ки онҳо барои пешрафти соҳа, баланд бардоштани мақоми суд дар ҷомеа, таъмини шароити зарурӣ барои баррасӣ ва ҳалли одилонаи парвандаҳои судӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ташкилоту муассисаҳо ва умуман, ҷиҳати ба амал баровардани адолати судӣ нақши муҳим доранд” (Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 20 апрели соли 2006 ва мулоқоти Пешвои миллат бо кормандони мақомоти судӣ, 21-уми ноябри соли 2019, ш.Душанбе).

Тибқи ин барномаҳо чандин қонун, аз ҷумла қонунҳои конститутсионӣ “Дар бораи Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”, кодексҳои мурофиавии ҷиноятӣ, мадании, иқтисодӣ, маъмурӣ, қонунҳо “Дар бораи истеҳсолоти иҷро”, “Дар бораи судҳои ҳакамӣ” аз нав таҳия ва қабул карда шуданд, ки барои такмили сохтори судӣ, фаъолияти судяҳо ва дар маҷмуъ ҷиҳати таҳкими ҳокимияти судӣ дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд оварданд.

Дар масири татбиқи адолати иҷтимоӣ, ки бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010, 2011-2013, 2015-2017 ва 2019-2021 таҳия ва аз ҷониби Ҳукумати кишвар тасдиқ карда шуданд, ки танҳо бо ҳадафи стратегии ҷомеаи навини тоҷикон, эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ ва дунявӣ, таъмини волоияти қонун ва амнияти ҷомеа, таҳкими дастовардҳои истиқлоли иҷтимоӣ, манфиатҳои умумимиллӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад (Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010, 2011-2013, 2015-2017 ва 2019-2021).

Агар аз назари таҳлили мантиқӣ ба аҳдофу мақсадҳои асосии барномаҳо назар афканем, метавонем ба осонӣ дарк намоем, ки мақсад аз ин барномаҳо танҳо таҳким бахшидан ба ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани нақши суд дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, давлат, ташкилоту муассисаҳо, таъмини кафолати судии муносибатҳои ҷамъиятӣ, тақвияти талабот нисбат ба кадрҳои судӣ, баланд бардоштани донишу таҷриба ва масъулиятнокии онҳо мебошад, зеро, воқеан пойдории давлат ва бақои он ба адолати судӣ эҳтиёҷ ва пайвастагии ногусастанӣ дорад. Ин омили муайянкунанда тақозо менамояд, ки пайваста ҳокимияти судӣ таҳким ва густариш ёбад ва адолати иҷтимоӣ дар ҷомеаи демократии кишвар пойдору устувор бошад.

Дар хулосаи назар, ки Паёми равшану роҳнамои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун як иқдоми наҷиб дар пешрафти соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, илмӣ, саноатӣ ва фарҳангии кишвар махсуб гардида, роҳи равшанеро барои ояндаи кишвари бозкушой менамояд.

**Бо назардошти он, ки дар Паёми имсолаи Роҳбари давлатамон соли 2026 «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» эълон гардид, зарур мешуморам, ки дар масири татбиқи адолати иҷтимоӣ ва вусъат бахшидани худшиносиву худогоҳии миллӣ “Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2028” аз нав дар ҳамкорӣ бо мақомоти соҳавӣ таҷдид ва таҳия карда шуда, барои тасдиқ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардад.**

ТАҲЛИЛ ВА НАТИҶАГИРӢ

# ҶАЛАСАИ РАЁСАТИ СУДИ ОЛӢ ВОБАСТА БА ҶАМЪБАСТИ НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ СУДҲОИ ҶУМҲУРӢ ДАР СОЛИ 2025 ВА ВАЗИФАҲО ДАР СОЛИ 2026

**9-уми январи соли 2026 дар маҷлисгоҳи васеи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи васеи ҷамъбастӣ оид ба натиҷаҳои фаъолияти судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 баргузор гардида, тибқи рӯзнома масъалаҳои муҳими таҳлили натиҷаи фаъолияти судҳо дар соли 2025 ва муайян намудани вазифаҳо барои нимсолаи якуми соли 2026 мавриди баррасӣ қарор дода шуд.**






Дар кори ҷаласа ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ муҳтарам Ализода Зариф, Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Мирзозода Рустам ва муовинони Раис, судяҳои Суди Олӣ, инчунин раисон, муовинони судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, судҳои ҳарбии гарнизонҳо ва судҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ иштирок намуданд.

Рустам Мирзозода, Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаро ифтитоҳ намуда, зимнан вобаста ба дастовардҳои асосии ҳокимияти судӣ дар давраи ҳисоботӣ изҳори назар намуда, инчунин бо назардошти дастовардҳои бадастомада, ҳамзамон аз риояи қатъии талаботи санадҳои қонунгузорӣ, таъмини принсипҳои конститутсионии адолати судӣ ва баррасии саривақтии парвандаҳо таъкид намуд.

Дар ҷаласа ҳамзамон дар бораи дастовардҳои назаррасу арзишманд дар соли 2025, инчунин ҷиҳати бартараф намудани баъзе аз камбудиҳои ҷойдошта, дар нимсолаи якуми соли 2026 изҳори назар шуд.

"Мизони қонун"

# ДАР ҶАЛАСАИ ҶАМЪБАСТӢ ФАЪОЛИЯТИ СУДҲОИ ВИЛОЯТИ СУҒД ДАР СОЛИ 2025 НАТИҶАГИРӢ ШУД

**5-уми январи соли 2026 ҷаласаи ҷамъбастии фаъолияти суди вилояти Суғд ва судҳои шаҳру ноҳияҳои он дар соли 2025 баргузор гардида, дар кори ҷаласа ба ҳайси намоянда, муовини Раиси Суди Олӣ муҳтарам Тағозода Абдуқаҳҳор ва муовинон, судяҳои судҳои вилояти Суғд, иштирок карданд.**



Муовини Раиси Суди Олӣ муҳтарам Тағозода Абдуқаҳҳор дар идомаи суханронии хеш ба масъалаҳои калидии татбиқи самараноки адолати судӣ, риояи қатъии қонуният, тақвияти интизоми хизматӣ ва такмили сатҳи касбии судяҳо таваҷҷуҳи вижа зоҳир намуд.

Дар ҷаласа ҳамзамон зикр гардид, ки фаъолияти мақомоти судӣ бояд, пеш аз ҳама, ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва таъмини адолати воқеӣ равона карда шуда, чун анъанае, ки адолати судӣ ҳамеша бар он устувор буд ва дар оянда низ бояд бо ҳамин рӯҳия идома ёбад.

"Мизони қонун"

# ФАЪОЛИЯТИ СУДҲОИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ ДАР СОЛИ 2025 НАТИҶАГИРӢ КАРДА ШУД

**5-уми январи соли 2026 ҷаласаи ҷамъбастии фаъолияти судҳои ноҳияҳои Шоҳмансур, Исмоили Сомонӣ, Фирдавсӣ, Сино ва суди шаҳри Душанбе доир гардид.**

Дар ҷаласаи мазкур ба ҳайси намоянда муовини Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Раҷабзода Ҳотам ширкат намуда, натиҷаи фаъолияти судҳои шаҳри Душанберо мавриди таҳлил ва натиҷагирӣ қарор дод.

Зимнан муҳтарам Раҷабзода Ҳотам дар идомаи баррасӣ таҳлилҳои хешро оид ба бартараф намудани норасоиву камбудиҳои ҷойдошта иброз дошта, ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани сифати баамалбарории адолати судӣ дастуру пешниҳодҳои лозимаро ба самъи масъулин ёдрас намуд. Инчунин дар ҷаласа таъкид гардид, ки судҳои пойтахт, бояд такя ба меъёрҳои конститутсионӣ ва қонунгузории амалкунанда фаъолияти худро ба таври муназзам ба роҳ монда, барои баррасии саривақтии парвандаҳо ва таъмини шаффофият дар фаъолияти судҳо тадбирҳои амалӣ андешанд.



Маврид ба зикр аст, ки дар оянда судҳои шаҳри Душанбе низ бо назардошти анъанаҳои адолати судӣ ва бо нигоҳдошти меъёрҳои инсондӯстӣ ҷиҳати ҳифзи устувори ҳуқуқу озодиҳои инсон, таъмини волоияти қонун ва таҳкими эътимоди ҷомеа ба низоми судӣ саъю талош намоянд.

"Мизони қонун"

# МАҶЛИСИ ҶАМЪБАСТИИ ФАЪОЛИЯТИ СУДҲОИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР СОЛИ 2025 БАРГУЗОР ШУД

**5-уми январи соли 2026 дар шаҳри Бохтар маҷлиси ҷамъбастии фаъолияти Суди вилояти Хатлон ва судҳои шаҳру ноҳияҳои он баргузор гардида, натиҷаҳои фаъолияти судҳои вилоят дар соли 2025 мавриди баррасӣ қарор гирифт.**





Маврид ба зикр аст, ки ҷаласаро муовини якуми Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Лутфуллозода Шавкат ифтитоҳ намуда, дар сухани муқаддимавии худ ба аҳаммияти таъмини адолати судӣ, риояи қонуният ва баланд бардоштани сатҳи масъулияти касбии судяҳо изҳори назар намуд. Дар идомаи ҷаласа ҳисоботи муфассал оид ба натиҷаҳои фаъолияти судҳои вилоят дар як соли сипаригардида мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар қисмати интиҳои ҷаласа Табарзода Қамариддин Мумин, собиқ Раиси Суди ноҳияи Ховалингро барои фаъолияти содиқонааш баҳри татбиқи адолати судӣ дар ҳокимияти судӣ бо арзи эҳтиром ва изҳори миннатдорӣ дар фазои тантанавӣ ба нафақа гусел намуда, аз саҳми намоёни мавсуф дар рушди адолати судӣ ва таҳкими қонуният ибрози назар намуданд.

"Мизони қонун"

МИЗОНИ ҚОНУН
НАШРИЯИ РАСМИИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | №2 (02) | 30 ЯНВАРИ 2026

ПАЁМ - РАҲНАМОИ МО

# ШАРҲУ ТАВЗЕҲИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТ ДАР СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**30-юми январи соли 2026 дар бинои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъомад оид ба шарҳу тавзеҳи Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**



Чорабинӣ бо сухани муқаддимавии муовини якуми Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Лутфуллозода оғоз бахшида шуда, ҳамзамон номбурда изҳор дошт, ки Паёми имсола самтҳои муҳимтарини сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатро фаро гирифта, идомаи мантиқии сиёсати созанда ва дурнамои рушди устувори давлат буда, самтҳои асосии фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои минбаъда муайян менамояд. Дар ин Паём масоили калидии ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла рушди иқтисоди миллӣ, таъмини амнияти иҷтимоӣ, таҳкими истиқлоли давлатӣ, рушди маорифу тандурустӣ ва боло бурдани сатҳи некуаҳволии мардум мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар идома судяи Суди Олӣ, раиси коллегияи парвандаҳои маданӣ А. Бобохонзода баромад намуда, зимни баромади хеш зикр кард, ки Паём дар амалияи сиёсии давлатҳои замони муосир хусусиятҳои рамзии худро дошта, далели тафоҳум ва тавозуни сиёсӣ миёни шохаҳои мустаъқили ҳокимияти давлатӣ мебошад. Он стратегияи миёнамуҳлати амал барои давлатҳо буда, дар доираи ин санади муҳими сиёсӣ ояндаи фаъолияти соҳавии кишварҳо ба таври нақшавӣ рӯйи кор оварда шуда, барои тасдиқ ба намояндагони халқ пешниҳод карда мешавад.










Судяи суди шаҳри Душанбе С. Насриддинзода дар баромади худ ёдовар шуд, ки масъалаи дигаре, ки дар Паёми Пешвои миллат ба он диққати махсус дода шуд, мустаҳкам намудани пояҳои ахлоқии ҷомеа, ташаккул додани афкори эҷодии халқ ва гиромидошти арзишҳои милливу фарҳангӣ мебошад. Татбиқи ин нукта имкон медиҳад, ки дастовардҳои гаронбаҳои фарҳангӣ мавриди истифода қарор гирифта, намунаҳои беҳтарини фарҳанги миллӣ дар сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ карда шаванд. Дар ин замина Пешвои муаззами миллат олимона қайд карданд, ки “Мо набояд ба решаи фарҳанги бегона об диҳем. Бо хурофот давлат тараққӣ намекунад. Имрӯз марҳилаи худшиносии миллӣ фаро расид. Вақти баланд бардоштани маърифати миллати тоҷик омадааст” - ин нукта даъвати бедории миллати тамаддунофари тоҷик аст.

Дар ҷаласаи тавзеҳотии мазкур масъалаҳои Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон матраҳ гардид. Набояд фаромуш кард, ки таъмини амнияти миллӣ яке аз самтҳои муҳими Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар мебошад. Ин масъала ҳамчун омили асосии ҳифзи истиқлол, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва рушди устувори кишвар мавқеи хосса дорад. Амнияти миллӣ тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро гирифта, аз суботи сиёсӣ ва иҷтимоӣ то ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иттилоотиро дар бар мегирад. Дар Паёми Пешвои миллат ҳамеша таъкид мегардад, ки таҳкими сулҳу суботи дохилӣ барои нигоҳдории дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ ва пешрафти ҷомеа муҳим аст.

Ҳамзамон гуфта шуд, ки дар заминаи дастуру супоришҳои ин Паёми муҳиму тақдирсоз, соли 2026 ба соли татбиқи амалии ормонҳои миллӣ, худшиносии мардум ва густариши корҳои ободонӣ дар саросари кишвар табдил меёбад, то ин ки ҷашни муҳиму тақдирсози миллат 35-солагии Истиқлоли давлатии кишварро бо дастовардҳои аз ин ҳам арзандатар пешвоз гирем.

**“Мизони қонун”**

ҲОКИМИЯТИ СУДӢ ВА МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

# НАҚШИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ ҶАВОНОН ДАР РУШДИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

**Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид 12-уми декабри соли 2025 дар доираи иҷлосияи 80-уми худ лоиҳаи қатъномаро таҳти унвони «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2027, ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод гардид, қабул намуд. Бо ироаи ин пешниҳод, Роҳбари давлат аҳамияти умумиҷаҳонии маърифати ҳуқуқиро ҳамчун пояи асосии адолат, мудирияти муассир ва сулҳи пойдор таъкид намуданд.**

Қатъномa нақши муҳим ва зарурии маърифати ҳуқуқиро дар пешбурди ҳуқуқи инсон, иштироки фаъоли ҷомеа ва дастрасӣ ба адолат таъкид менамояд. Ин қатъномa ҳамчунин таҷрибаи муваффақи Тоҷикистонро дар эълон намудани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эътироф намуда, онро ҳамчун намунаи боризи миллӣ, ки ба таври назаррас сатҳи огоҳии ҳуқуқии аҳолиро баланд бардошта, аҳамияти амалҳои ҳамоҳангшудаи миллиро дар рушду таҳкими таълими ҳуқуқ собит мекунад, тасдиқ менамояд. Инчунин қатъномa нақши созандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар пешбурди омӯзиши ҳуқуқ дар сатҳи ҷаҳонӣ ва роҳбарии дурандешонаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ташаббуси навбатиашон имрӯз аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ пазируфта шуд, эътироф менамояд. Ин ташаббус дар амалисозии пурраи ҳуқуқи инсон ва таҳкими волоияти қонун дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ саҳми назаррас хоҳад гузошт. Беҳуда нест, ки дар нахустин моддаи Конститутсияи кишвар хусусиятҳои соҳибихтиёрӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардида, арзишҳои номбурда собит месозанд, ки давлати Тоҷикистон дар пояи қонун ва ҳуқуқ бунёд ёфта, рушди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ будани асоси давлати мо ба сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, ба хусус ҷавонон вобастагии зич дорад.

Воқеан, Тоҷикистон аз кишварҳои ҷавони олам ба ҳисоб меравад, ки қисмати асосии ҷомеаи моро ҷавонон ташкил медиҳанд. Ҷавонон чун нерӯи бузург дар рушду пешрафти ҷомеа ва давлатдории миллӣ нақши бағоят бузург доранд. Аз ин ҷост, ки давлат ба онҳо чун наслиояндасози миллат аҳамияти хоса медиҳад. Дар ҳақиқат, ҷавонон қувваи бузург, нерӯи созанда, симо ва ояндаи миллат мебошанд. Мояи ифтихору сарфарозии ҷавонон аст, ки имрӯз нисбат ба онҳо таваҷҷуҳу ғамхории беандоза зоҳир мегардад. Муносибати хирадмандонаи Роҳбарияти олии кишвар ба масоили гуногунҷабҳаи ҳаёти ҷавонон ва ҷалби диққати ҷомеа дар тарбияву ташаккули афкори онҳо шароит фароҳам меорад, то ки ояндасозони ҷомеа мақому манзалати худро дар зиндагӣ пайдо намоянд.

Ба хубӣ медонем, ки дар замони соҳибистиқлолии кишвар вобаста ба дастгирии ҷавонон чандин барномаву тадбирҳои зарурӣ андешида шудаанд. Аз ҷумла, ҳамасола 23-юми май ҳамчун Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон ҷашн гирифта мешавад. Таваҷҷуҳу ғамхориҳои Ҳукумати кишвар нисбат ба ҷавонон хеле зиёд буда, дар навбати худ ин қишри ояндасози ҷомеа бо дастовардҳои илмию варзишӣ ва дигар фаъолиятҳои гуногунҷабҳаи хеш кишвари моро дар арсаи ҷаҳон муарифӣ карда истодааст. Маҳз бо дарназардошти ҳамин нуқта ва саҳми ҷавонон дар рушди ҷомеа ва иштироки фаъоли онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии мамлакат итминон дорем, ки вобаста ба «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ, эълон гардидани соли 2027» дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии сокинони кишвар ба хусус ҷавонон назаррас хоҳад буд.Мақсад аз баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ тарғиби арзишҳои демократӣ, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба Қонун мебошад, зеро мавҷудияти сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ як навъ гарави бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ ва ягона аст, ки дар он на танҳо ба арзишҳои ҳуқуқӣ, балки ба арзишҳои ахлоқӣ низ эҳтиром гузошта мешавад. Умуман, дар ҷаҳони муосир дониши ҳуқуқӣ на танҳо барои ҳуқуқшиносон, балки барои ҳар як узви ҷомеа зарур аст. Донистани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои худ ба шахс имкон медиҳад, ки манфиатҳои худро ҳифз намуда, аз шомил шудан ба ҳар гуна ҷараёну ташкилотҳои ғайриқонуниву ифротӣ канорагирӣ намояд ва дар ҳолатҳои гуногуни зиндагӣ бештар мустақилу озод бошад. Дар шароити эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва ҳифзи арзишҳои давлатдории миллӣ баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии аҳолӣ, бахусус ҷавонон маърифати ҳуқуқӣ нақши муҳим дорад. Зеро, таваҷҷуҳ намудан ба маърифати ҳуқуқӣ шаҳрвандонро водор месозад, ки барои баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқии хеш диққати ҷиддӣ дода, дар раванди рушди соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва демократӣ фаъолона иштирок намоянд.



Лутфуллозода Шавкат,
муовини якуми Раиси Суди
Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Албатта барои бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва ҷомеи шаҳрвандии инкишофёфтаву пурқувват заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ лозим аст ва ба ҳайси яке аз ин заминаҳо сатҳи инкишофи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ маҳсуб меёбад. Бе баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҳуқуқии аҳолӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои амалисозии ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд, дастрасии бемаҳдуд ба ҳокимияти судиву адолати судӣ бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандии ишкишофёта ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз, бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии тамоми қишри ҷомеа давлату Ҳукумати Тоҷикистон пайваста чораҳои муҳим ва судманди ташкиливу ҳуқуқиро роҳандозӣ намуда истодааст. Аз ҷумла, дар асоси нақшаи чорабиниҳо аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ пайваста тадбирҳои зарурӣ дар намуди тарбияи ҳуқуқӣ, таълими ҳуқуқӣ ва тарғиботи ҳуқуқӣ ба роҳ монда шудааст.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ дастур доданд, ки тамоми сохтори давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд ҳамаи захираю имкониятҳоро ҷиҳати таъмини тартибот ва волоияти қонун сафарбар намоянд. Аз ин рӯ, ҳамаи моро зарур аст, ки бо мақсади ҳифз, риоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд ва волоияти қонун дар ҷомеа ҷиҳати муҳайё сохтани шароити арзандаи зиндагонии ҳар як фарди кишвар тадбирҳои судманд андешида, механизми кафолати воқеии таъмини онҳоро коркард намоем, ҳамзамон шаҳрвандони мамлакатро аз мавҷудияти чунин кафолатҳои қонунгузорӣ ва таъмини воқеии онҳо огоҳ созем.

# ФАЪОЛИЯТИ СУДҲОИ ҶУМҲУРӢ ДОИР БА ПАРВАНДАҲОИ МАДАНӢ ВА ОИЛАВӢ ДАР СОЛИ 2025: ПЕШРАФТ, КАМБУДИҲО ВА ДУРНАМО

Дар соли 2025 аз ҷониби судҳои марҳилаи якуми Суди Олӣ, судҳои вилоятҳо, суди ҳарбӣ ва шаҳру ноҳияҳо 16432 (14645) парвандаҳо оид ба баҳсҳои маданӣ оғоз гардиданд, ки аз ин шумора 15316 (13326) парванда мавриди баррасӣ қарор гирифта, 5438 (4935) парванда бо баровардани ҳалнома ва 7374 (6106) бо қабули фармон анҷом ёфта, 1288 (825) адад дар пешбурд қатъ ва 1058 (1226) парвандаҳо бе баррасӣ мононда, инчунин 158 (234)-тои онҳо аз рӯи тобеият ирсол карда шуданд. Нисбат ба соли 2024 парвандаҳои мадании баррасишуда 1990 адад зиёд мебошанд.

Ҳамчунин судҳои ҷумҳурӣ дар ин давра аз рӯи баҳсҳои оилавӣ 52072 (51855) парванда оғоз намуданд, ки аз ин шумора баррасии 47141 (46063) парванда, аз ҷумла 37981 (36509) бо баровардани ҳалнома, 15 (29) адад бо қабули фармон таъмин гардида, пешбурди 4291 (3568) парванда қатъ карда, 4173 (5152) адад бе баррасӣ мононда, 681 (805) парванда аз рӯи тобеияти судӣ ирсол карда шуданд. Шумораи парвандаҳои оилавии баррасишуда, нисбат ба соли 2024 дар маҷмӯъ 1078 адад зиёд мебошанд.

Дар ин давра бо парвандаҳои маданӣ 2315 (1941) ва бо парвандаҳои оилавӣ 11619 (9895) таъинотҳои хусусӣ қабул шудааанд, ки назар ба соли гузашта мутаносибан 374 ва 1724 адад, дар умум 2098 адад зиёд мебошанд. Бо парвандаҳои маданӣ 2705 (2444) ва бо парвандаҳои оилавӣ 9781 (8315) мурофиаҳои сайёри судӣ гузаронида шудааааст, ки нисбат ба соли 2024 мутаносибан 261 ва 1466 адад, дар умум 1727 адад зиёд мебошад. Инчунин, бо парвандаҳои маданӣ 180 (156) ва бо парвандаҳои оилавӣ 236 (224) ҷамбастиҳои амалияи судӣ гузаронида шудааст, ки нисбат ба соли гузашта 36 адад зиёд мебошад.

Бояд қайд кард, ки сифати таҳияи ҷамъбастҳо ба талабот ҷавобгӯ набуда, пешниҳодҳо натиҷаи дилхоҳ намедоданд. Аз ин рӯ мебояд, ки усули ягонаи таҳияи ҷамъбастҳои судӣ таҳия карда шавад. Дар давраи ҳисоботии сипаришуда, бо парвандаҳои маданӣ 1.632.846 сомонӣ ва бо парвандаҳои оилавӣ 1.372.378 сомонӣ, дар маҷмуъ 3.005.225 сомонӣ боҷи давлатӣ рӯёнида шудааст.

Дар марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратии судҳои ҷумҳурӣ 1519 (1389) парвандаи маданӣ аз рӯи шикоят ва эътирозҳо мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар натиҷа 186 (152) санади судӣ, аз ҷумла 110 (66) ҳалнома, 6 (9) таъиноти суди марҳилаи якум ба тариқи кассатсионӣ ва 36 (41) ҳалнома, 1 (5) таъиноти суди марҳилаи якум, 32 (29) қарори кассатсионӣ ва 1 (2) қарори Раёсат ба тариқи назоратӣ бекор карда шудаанд. Аз ҷумла дар Суди Олӣ 83 адад, суди вилояти Суғд 49 адад, суди вилояти Хатлон 8 адад, суди шаҳри Душанбе 43 адад, дар маҷмуъ 186 (152) адад санади судӣ бекор карда шуд, ки нисбат ба соли гузашта 34 адад зиёд мебошад. Санадҳои судии бекоршуда вобаста ба парвандаҳои маданӣ ба 1,2% -и шумораи умумии парвандаҳои баррасигардида баробар мебошад.

Ба ҳамамин монад дар марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратии судҳои ҷумҳурӣ 966 (709) парвандаи оилавӣ аз рӯи шикоят ва эътирозҳо баррасӣ гардида, дар натиҷа 99 (66) санади судӣ, аз ҷумла 72 (46) ҳалнома, 3 (3) таъиноти суди марҳилаи якум ба тариқи кассатсионӣ ва 14 (12) ҳалнома, 4 (1) таъиноти суди марҳилаи якум, 6 (4) қарори кассатсионӣ ба тариқи назоратӣ бекор карда шуданд. Дар Суди Олӣ 30 адад, суди вилояти Суғд 32 адад, суди вилояти Хатлон 5 адад, суди шаҳри Душанбе 31 адад, дар маҷмуъ 99 адад санади судӣ бекор карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 33 адад зиёд мебошад. Санадҳои судии бекоршуда вобаста ба парвандаҳои оилавӣ 0,23%-ро аз ҳисоби умумии парвандаҳои баррасигардида ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ, дар ҷумҳурӣ аз ҳисоби парвандаҳои маданӣ ва оилавӣ 285 (218) санади судӣ бекор карда шудааст, ки нисбат ба соли гузашта 67 адад зиёд мебошад. Бояд қайд намуд, ки бекоршавии санадҳои судӣ бештар барои риоя нагардидани меъёрҳои мурофиавӣ, махсусан бе иштироки тарафҳо баррасӣ кардани парвандаҳо, ба таври дахлдор насанҷидани ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта ва нодуруст таҳқиқ кардани далелҳо ба назар мерасад. Бо назардошти афзоиш ёфтани бекоршавии санадҳои судӣ бо парвандаҳои маданӣ ва оилавӣ зарар шуморида мешавад, ки дар моҳи январи соли ҷорӣ судҳои вилоятҳо ва шаҳри Душанбе сабабҳои бекор шудани санадҳои судиро ҷамъбасти таҳлилӣ намуда, ба Суди Олӣ пешниҳод намоянд ва коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ ва оилавии Суди Олӣ сабаб ва асоҳои бекоршавии санадҳои судиро дар ҳамаи судҳои ҷумҳурӣ пурра ҷамъбаст намуда, барои коҳиш додани онҳо чораҳои дахлдор андешанд.

Суди Олӣ бо мақсади аз байн бурдани кашолкорӣ дар фаъолияти судҳои шаҳру ноҳияҳои мамлакат аз аввали давраи ҳисоботӣ фаъолияти худро дар асоси дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 5 декабри соли 2025 зимни вохӯрӣ бо судяҳои мамлакат баён доштанд, ба роҳ монда, фаъолияти судяҳои мамлакатро ҷиҳати дар доираи муҳлатҳои муқарраргардидаи қонун баррасӣ намудани парвандаҳо, бидуни мавҷуд будани асосҳои қонунӣ бе баррасӣ гузоштани аризаҳои даъвогӣ, муҳлатҳои тулонӣ боздоштани баррасии парвандаҳо ва ғайра ҳар моҳ мавриди таҳлил ва натиҷагирӣ қарор дод. Таҳлили ҳармоҳа ба коҳиш ёфтани сатҳи кашолкорӣ дар фаъолияти судҳо, махсусан зимни баррасии парвандаҳои оилавӣ ва маданӣ таъсири мусбӣ расонида бошад ҳам, аммо то ҳол дар ин самт камбудиҳо боқӣ мондаанд, ки бояд дар шашмоҳаи якуми соли 2026 таъҷилан бартараф карда шаванд.

Тавре аз таҳлили ҷамъбасти оморӣ дида мешавад, дар соли 2025 120 (66) парвандаи маданӣ ва 142 (88) парвандаи оилавӣ бо вайронкунии муҳлат баррасӣ карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маротиб зиёд мебошад. Инчунин, қайд кардан ба маврид аст, ки аз 365 (340) супоришҳои судӣ, ки аз давлатҳои хориҷӣ ворид гардидаанд, 27 адади он бо вайронкунии муҳлат, ҳатто зиёда аз сол баррасӣ карда шудаанд. Омили дигаре, ки боиси муҳлатҳои тӯлонӣ баррасӣ нашудани парвандаҳои маданӣ ва оилавӣ гардидаанд, ин аз муҳлати муқарраркардаи қонун зиёд боздоштани парвандаҳо мебошад. Дар давраи ҳисоботӣ бинобар зери назорати қатъии роҳбарияти Суди Олӣ қарор гирифтани масъалаи мазкур шумораи зиёди чунин парвандаҳо майян карда шуда, дар тамоми судҳои шаҳру ноҳияҳои мамлакат парвандаҳои боздошташуда, ҳатто аз солҳои пеш боқимонда, аз нав оғоз карда шуда, моҳиятан баррасӣ карда шудаанд. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар соли 2025 дар пешбурди судҳои ҷумҳурӣ 1128 парвандаҳои оилавӣ ва маданӣ бодошта шуда, ин шумора то охири давраи ҳисоботӣ ба 430 адад коҳиш дода шуд. Новобаста аз чораҳои андешидашуда, то ҳол дар баъзе судҳои мамлакат масъалаи мазкур бартараф карда нашудааст.

Аз ин рӯ, раисони судҳо ва судяҳоро зарур аст, ки баҳри ҳарчи зудтар баррасӣ намудани парвандаҳои боқимондаи боздоштшуда чораҳои қатъӣ андешида, барои минбаъд роҳ надодан ба чунин кашолкориҳо дар фаъолияти худ чораандешӣ намоянд. Масъалаи дигаре, ки имрӯз сабаби ба кашолкорӣ роҳ додани судяҳо гардида истодааст, ин беасос бебарасӣ мондани аризаҳои даъвогӣ мебошад. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар соли 2025 1058 (1226) парвандаи маданӣ ва 4173 (5152) парвандаи оилавӣ бе баррасӣ монода шуда, дар муқоиса ба



Тағозода Абдуқаҳҳор,
муовини Раиси Суди
Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

соли 2024 вобаста ба парвандаҳои маданӣ 168 адад ва парвандаҳои оилавӣ 972 адад, дар маҷмуъ 1147 адад кам мебошад, ки ин қонеъкунанда буда наметавонад. Новобаста аз чораҳои андешидашуда оид ба бе баррасӣ монондани парвандаҳои маданӣ ва оилавӣ масъалаи мазкур то ҳол нигаронкунанда боқӣ мемонад. Зеро, агар дар муқоиса ба шумораи умумии парвандаҳои баррасишуда назар кунем аз 15316 адад парвандаҳои мадании барасишуда 1058 адад ва аз 47141 парвандаҳои оилавии воридгардида 4173 адади он бе баррасӣ мононда шудааст, ки мутаносибан ба шумораи умумии парвандаҳои воридгардидаи маданӣ 7% ва оилавӣ 8,8%-ро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, раисони судҳоро зарур аст, ки ҷиҳати коҳиш додани бебаррасӣ гузоштани аризаҳои даъвогӣ, махсусан бо асосҳои ҳозир нагардидани тарафҳо, чораҳои таъхирнопазир андешида, судяҳо камбудии нишондодашударо дар фаъолияти худ бартараф намоянд.

Таҳлили арзу шикоятҳои шаҳрвандон аз болои амалҳои судяҳо нишон медиҳад, сабабҳои бештари арзу шикоятҳо ҳолатҳои дар боло нишондодашуда, яъне кашолкорӣ дар фаъолияти судяҳо мебошанд. Тавре маълум карда шуд, дар давраи ҳисоботӣ ба Суди Олӣ 839 (990) адад арзу шикоятҳо дохил гардида, ки нисбат ба соли гузашта 186 адад кам мебошад. Сабаби кам гардидани арзу шикоятҳо аз болои амалҳои судяҳо ин пеш аз ҳама ба таври дахлдор ба роҳ мондани қабули шаҳрвандон аз ҷониби роҳбарияти Суди Олӣ ва саривақт пайгирӣ кардани мушкилоти онҳо, мониторинг ва натиҷагирии ҳармоҳаи фаъолияти судҳо мебошад.

Аз 839 (990) адад арзу шикоятҳои воридушда 264 (247) адади он такрорӣ буда, 540 (307) +233 адад оид ба ҳаракатҳои судяҳо, аз ҷумла 115 (152) адад оиди саривақт баррасӣ накардани парвандаҳо, 55 (143) адад оиди беамалӣ дар судҳо, 63 (75) адад оиди саривақт насупоридани нусхаи санадҳои судӣ, 60 (43) адад оиди саривақт ирсол накардани шикоятҳои кассатсионӣ ва ғайра мебошанд. Шикоятҳо оиди саривақт баррасӣ накардани парвандаҳо - 37 адад, беамалӣ дар судҳо - 88 адад ва саривақт насупоридани нусхаи санадҳои судӣ - 12 адад кам гардидаанд. Аммо саривақт ирсол накардани шикоятҳои кассатсионӣ 60 (43) адад афзоиш ёфтааст. Бинобар ин, бояд расиони судҳо ва судяҳои судҳои ҷумҳурӣ саривақт ирсол кардани парвандаҳоро аз рӯи шикоятҳои кассатсионӣ бояд зери назорати ҷиддӣ қарор дода, ҷиҳати кам кардани арзу шикоятҳои шаҳрвандон аз болои амалҳои судяҳо чораҳои дахлдор андешанд.

Масъалаи дигаре, ки дар фаъолияти судҳои ҷумҳурӣ беҳбудиро талаб менамояд, ин аз рӯи ҳолатҳои нав ошкоргардида бекор кардани ҳалномаҳои судӣ мебошад. Таҳлили амалияи судӣ нишон дод, ки беасоси қонунӣ ва ё бо вайронкунии ҷиддии меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ бекор кардани ҳалномаҳои судӣ то ҳол ҷойд доранд. Дар ҳоле, ки вобаста ба пешгирии чунин амалҳо дастури хаттии Раиси Суди Олӣ ба судҳои поёнӣ равон карда шуда, дар ҳар як вохӯрӣ бо судяҳо ба ин масъала таъкид карда мешавад.

Ҳолатҳои номбаршуда судяҳои мамлакатро водор месозанд, ки дар соли 2026 сифати фаъолияти судиро дар заминаи Конститутсия, қонунҳо, супоришҳои Президенти мамлакат ва дастурҳои Раиси Суди Олӣ беҳтар намуда, корҳои амалишударо таҳким бахшанд, камбудиҳои ҷойдоштарро бартараф намоянд ва 35 солагии Истиқлоли давлатии Ватани азизамонро бо дастовардҳои назаррас истиқбол гирем.

МИЗОНИ ҚОНУН
НАШРИЯИ РАСМИИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | №2 (02) | 30 ЯНВАРИ 2026

МАШВАРАТ ВА ШАРҲУ ТАВЗЕҲ



# ШАРҲУ ТАВЗЕҲИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СУДИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**20-уми январи соли 2026 бо ташаббуси Зикирзода Лоиқ Хурсандқул, Раиси Суди шаҳри Душанбе ҷаласаи васеъ вобаста ба шарҳу тавзеҳи Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” баргузор гардид.**

Мавриди ба зикр аст, ки дар ҷаласаи мазкур Одилзода Дилбар Раҳим, муовини Раиси шаҳри Душанбе, Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло, Раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе ва судяҳо ва кормандони дастгоҳи Суди шаҳри Душанбе, раисон, муовинон, судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳои ноҳияҳои Фирдавсӣ, Шоҳмансур, Сино ва Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ширкат намуданд.



Дар ҷаласаи тавзеҳотӣ маърӯзадорон вобаста ба шарҳу тавзеҳи Паём фикру андешаҳои ҷолиби хешро ба самъи иштирокдорон расонида, ҳамзамон дар ҷаласа зикр гардид, ки Паём ҳамчун як санади муҳими сиёсиву ҳуқуқӣ барои фаъолияти мақомоти судӣ маҳсуб мегардад. Инчунин дар идомаи ҷаласа аз ҷониби роҳбарияти Суди шаҳри Душанбе даъват ба амал оварда шуд, ки судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо Паёми Пешворо сармашқи кори хеш қарор дода, дар татбиқи ҳадафҳои Паёми созандаи Сарвари давлат саҳми босазои худро гузоранд, то адолати судӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд ҳифз карда шавад.

Дар қисмати интиҳои ҷаласаи тавзеҳотӣ аз ҷониби роҳбарияти Суди шаҳри Душанбе барои ҳамкории судманд бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе, аз ҷумла Одилзода Дилбар Раҳим, муовини Раиси шаҳри Душанбе ва Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло, Раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе бо сипосномаи Суди шаҳри Душанбе сарфароз гардонида шуданд.

"Мизони қонун"

# СУДИ САЙЁР БАҲРИ ПЕШГИРИИ КИРДОРҲОИ НОМАТЛУБ ДАР МИЁНИ ҶОМЕА МЕБОШАД

**27-уми январи соли 2026 бо мақсади пешгирии амалу кирдорҳои номатлуб дар миёни ноболиғону ҷавонон ва баланд бардоштани ҳисси масъулиятмандии падару модарон дар таълиму тарбияи фарзандон Суди Синои шаҳри Душанбе дар бинои Шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи Сино-1-и шаҳри Душанбе суди сайёр баргузор намуд.**





Маврид ба зикр аст, ки дар суди сайёр парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии бо моддаи 90-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, дар маҷлиси сайёри судӣ баррасӣ гардид. Дар маҷлиси сайёр судяҳои суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе дар ҳузури волидону намояндагони ҳифзи ҳуқуқ 60 адад парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро дар бинои ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе мавриди баррасӣ қарор дода, нисбати ҳуқуқвайронкунадагон ҷазои сазовор нисбат ба кирдорашон таъин карда шуд.

Маврид ба зикр аст, ки баргузории чунин мурофиаҳои сайёри судӣ дар пешгирии содиршавии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ дар кишвар нақши арзанда ва муҳиму назаррас хоҳад гузошт.

"Мизони қонун"



## СОМОНА ВА ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ФАЪОЛ АСТ

***Ба таваҷҷуҳи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ расонида мешавад, ки сомонаи расмӣ sud.tj ва почтаи электронии расмии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони info@sud.tj ҳамеша фаъол буда, ҳангоми пеш омадани зарурат, Шумо метавонед тавассути почтаи электронӣ мутобиқи талаботҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Раиси Суд Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намоед.***

### ТАСҲЕҲ

Сармуҳаррири нашрияи “Мизони қонун” бо эҳтиром аз хонандагони нашрия хоҳиш менамояд, ки бо сабаби хатои техникӣ матни қисмати интиҳои сархати 5-уми саҳифаи 2-юми шумораи №1(1) аз 29-уми декабри соли 2025 “ аз 30 боло аст...” хонда шавад.

МИЗОНИ ҚОНУН
НАШРИЯИ РАСМИИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | №2 (02) | 30 ЯНВАРИ 2026




НАШРИЯИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
**Мирзозода РУСТАМ ПИРАҲМАД**
Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Лутфуллозода ШАВКАТ**
муовини якуми Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Тағозода АБДУҚАҲҲОР САИДМУРОД**
муовини Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Раҷабзода ҲОТАМ НАЗАР**
муовини Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Раиси коллегияи ҳарбӣ
**Маҳмадуллозода НЕЪМАТУЛЛО ҲИКМАТУЛЛО**
Роҳбари дастгоҳи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Орзумуродов ҲИЛОЛУТДИН**
Ёрдамчии Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР:
**ҲАБИБУЛЛО САТТОРӢ**

Нашрия таҳти рақами 545/РЗ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст.

Нашрия ба хотири риояи чандандешӣ матлаберо низ нашр мекунад, ки ба муҳтавои он мувофиқ нест.

Дастнависҳо ва аксҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.

Суроғаи мо:
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Шевченко 55, 734042

E-mail: info@sud.tj
Тел: +992 (37) 221-13-96
Факс: +992 (37) 221-13-96

**Адади нашр: 1500 нусха**